# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Файзуллоев Фарҳод Раҷабович дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) пешниҳод шудааст.**

Дар диссертатсияи Файзуллоев Фарҳод Раҷабович масъалаи ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ ҳамчун ҳадафи таҳқиқ қарор дода шудааст. Ин мавзуъ дар педагогикаи муосир масъалаи муҳим маҳсуб меёбад ва ба сифати мавзуи рисолаи илмӣ дуруст интихоб шудааст, зеро дар педагогикаи тоҷик проблемаи рушди ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилотию коммуникатсионӣ дар шакли як рисолаи илмии яклухт ва ҷамъбастӣ то ҳанӯз рӯйи кор наомадааст. Муҳаққиқони ватанӣ баъзан зимни баррасии масоили дигар ба баъзе ҷанбаҳои муносибати босалоҳият дар таълимро мавриди таҳқиқ қарор додаанд, вале дар шакли ташаккулли салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика бевосита чун ҳадафи кори илмӣ-таҳқиқотии худ қарор надодаанд. Бинобар ин, чун мавзуъ ва объекти таҳқиқ интихоб гардидани ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар шароити воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, воқеан, масъалаи мубрам маҳсуб меёбад.

Файзуллоев Фарҳод Раҷабович соли 2009 ба ихтисоси информатикаи факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2014 бо дипломи муқаррарӣ хатм намудааст.

Баъди хатми Донишгоҳ Файзуллоев Фарҳод Раҷабович дар кафедраи информатикаи факултети механикаю математика ба сифати ассистенти кафедра ба кор шурӯъ намуд. То ҳол дар кафедраи мазкур кору фаъолият дорад.

Файзуллоев Фарҳод Раҷабович бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 04.02.2016, №61-05 ба сифати унвонҷӯйи кафедраи информатикаи факултети механикаю математика дохил шуда, онро бо фармоиши ректори Донишгоҳ 31.12.2019, №601-05 хатм намуд. Аз давраи унвонҷуйи то имруз ӯ яке аз омӯзгорони фаъол ва лаёқатманд ба шумор рафта, ба таҳқиқ ва баррасии ҷиҳатҳои ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди омӯзиши методикаи таълими информатика таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст.

Аз мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва мақолаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқоти илмии муаллиф пайдост, ки ӯ ба пажуҳиш бурдан муваффақ гашта, кор бо сарчашмаву маъхазҳои илмиро дошта, дар робита ба масъалаву вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда хулосаҳои дуруст ва воқеии илмиро пешниҳод карда тавонистааст. Диссертант зимни баррасӣ ва муайян намудани асосҳои ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ роҳҳои баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгори ояндаро пешниҳод карда, усулҳои муосири ташаккули салоҳиятнокии методии донишҷӯёнро нишон дод, ки дар ташкили фаъолияти самарабахши натиҷаҳои таълим саҳм гузоштааст.

Истифодаи мақсадноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, аз ҷумла сахтафзорҳо, нармафзорҳо ва таҷҳизотҳои мултимедӣ барои дарки методӣ дар ин фан шароит фароҳам меорад.

Дар натиҷа, аз худ намудани малакаҳои методӣ тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки ташаккули шахсияти омӯзгори ояндаи информатика, муоширати байнишахсӣ ва ҳамкорӣ, инчунин худмуайянкунии иштирокчиёнро фаъол гардонида, таъмин менамояд.

Кори диссертатсионии Файзуллоев Фарҳод Раҷабович аз муқаддима, 2 боб, 7 зербоб, хулоса, тавияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум «**Моҳият, ҷузъҳо ва тавсифи салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика дар шароити низоми кредитии таҳсилот**» вазъияти ҳозираи соҳаи маорифи кишвари мо зарурати аз нав дида баромадани муносибатҳои асосии методӣ ба қабул ва татбиқи қарорҳои ба таълиму тарбия вобаста дар шароити ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳониро муайян менамояд. Дар раванди омода намудани омӯзгорони ояндаи информатика дар шароити низоми кредитии таҳсилот муносибати ба шахсият нигаронидашуда ва салоҳият мавқеи асосиро ишғол намуда, имкон медиҳад, ки раванди мутобиқшавии ҷавонон ба муҳити касбиро сода намуда, ба баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар бозори дохилӣ ва берунии меҳнат ба таври назаррас мусоидат менамояд. Имрӯзҳо таҳсилоти касбӣ ба омӯзгорони салоҳиятдоре, ки дар шароити нави рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ фаъолияти босамар доранд, бештар талабот пайдо менамоянд.

Ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи фанни информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳамчун раванди гуногунсамт ва мураккаб дарк карда мешавад, ки аз ҷониби муҳити таълимӣ ташаккул ёфта, бо иштироки фаъолонаи омӯзгори оянда дар раванди фаъолияти мустақилона амалӣ мегардад. Ин раванд ба ташаккули малакаҳои ҳавасмандсозӣ ва ташвиқи донишҷӯён, муносибати арзишманди шахс ба фаъолияти методӣ, азбар намудани меъёрҳои муосири омодагии методӣ, рушди салоҳиятнокии методӣ ва таҳкими хусусиятҳои шахсии омӯзгори оянда равона шудааст.

Яке аз имкониятҳои афзалиятноки педагогӣ, ки ба андешаи унвонҷӯй, ба ташаккули самараноки салоҳиятнокии методии омӯзгорони ояндаи

информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мусоидат мекунад, тарҳрезии мундариҷаи фанҳои бахши таълими касбӣ мебошад.

Имконияти дигари афзалиятноки ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ истифодаи технологияҳои инноватсионӣ мебошад.

Ҳамзамон, дар таҳқиқоти илмӣ модели ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот таҳия гардида, роҳҳои самараноки амалисозии модели ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот муайян карда шуданд.

Дар боби дуюм «**Асосҳои методикаи ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот**» истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика ба принсипҳои зерини умумии дидактикӣ бунёдшуда: мувофиқати системаи дидактикӣ ба қонуниятҳои таҳсилот, мақоми пешбарандаи донишҳои назариявӣ, ягонагии мақсадҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва рушди таҳсилот, ҳавасмандкунӣ, проблемавӣ, муттаҳидсозии фаъолияти коллективии таълимӣ зимни муносибатҳои инфиродӣ ба таълим, мултимедиявӣ, фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи омӯзгори ояндаи информатика мувофиқан асос меёбад.

Тамоюлҳои дар диссертатсия зикргардида дар мавриди бознигарии моҳият ва натиҷаҳои таълим, рушди мазмуни он танҳо дар сурати азнавсозии назарраси раванди таълим, истифодаи воситаҳои таълим, ки ба ҳадафу вазифаҳои нави он мувофиқанд, метавонанд дар амал татбиқ карда шаванд.

Тамоюлҳои методологии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ифодаёфта барои дурусту саҳеҳ ва ба таври асоснок ташхис намудани натиҷаҳои

фаъолияти педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ заминаи зарурирo фароҳам меоваранд.

Хулосабарориҳои назариявии дар таҳқиқот коркардшударо дар соҳаҳои педагогика, психология ва методикаи таълими фанҳои дақиқ мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Бо назардошти талаботи барномаи таҳсилотӣ, барномаи кории фан (силлабус), мазмуни китобҳои дарсӣ барои ихтисосҳои информатикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ, супоришҳои тестӣ, пурсиши шифоҳӣ ва кори санҷишӣ ба дониши донишҷӯён аз фанҳои мансуб ба бахши методика тартиб дода шуда, барои истифода пешниҳод шудааст.

Аз натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ба дастоварда маълум гардид, ки Файзуллоев Фарҳод Раҷабович ҳангоми гузаронидаи таҳқиқот мустақилият зоҳир намуда, худро ҳамчун мутахассиси кордон, қобилиятнок ва донишманди соҳа, ки салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаро дар таҳсилоти олии педагогӣ хуб медонад, нишон додааст.

Натиҷаҳои корҳои озмоишӣ – педагогии миёни омӯзгорон ва донишҷӯён гузаронидашуда, ба асосноккунии шаклҳо ва методҳои гуногуни салоҳиятнокии касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ аз фанҳои марбут ба методикаи таълими фанҳои дақиқ нигаронида шуда, мақсаднокии истифодаи онҳоро дар амалияи фаъолияти омӯзгорӣ нишон медиҳад.

Сохтори мантиқию илмии диссертатсия вобаста ба масъалаҳои гузошташуда мувофиқан дуруст ва мақсаднок буда, бо пайдарҳамию системанокии мантиқан бо ҳам алоқаманд ба итмом расонида шудааст. Нуктаҳои илмии таҳқиқотро натиҷаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсияю интишорот баёнгардида, асосҳои психологӣ-педагогии ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатикаро тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ ва ташхису озмоишҳое, ки солҳои тӯлонӣ гузаронида шудаанд, фарзияи таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Файзуллоев Фарҳод Раҷабович дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи математикаи олӣ
ва фанҳои табиатшиносии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мирзозода Р.Р.
31.05.2025

Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Н. Қаробоев 92, ҳ. 6.
Тел.: 918-63-62-37.
E-mail: r_mirzoev1966@mail.ru

Имзои д.и.п., дотсент Мирзозода Раҳмоналӣ Раҷаброр тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.